«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
____________________
«___»______________с. 2022

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №8 аз 2-юми апрели соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз соли 2001 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2005 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз аз соли 2017 то соли 2020 (Фармоиш дар бораи қабул аз 10.04.2017) унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 4-уми августи соли 2020 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: Диноршоҳ Азиз Мусо - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ ва мурофиавӣ, балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, вазъи ҳуқуқии мақомоти

прокуратура аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро металабад.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо мақомоти прокуратураи дигар кишварҳо ва сохторҳои шабеҳи онҳо як қатор афзалият ва бартариятҳоро соҳиб аст. Чунин бартарият дар ташкил ва вижагиҳои фаъолияти ин ниҳод, нақши фаъоли он дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини қонуният дар ҷомеа ифода мeёбад. Нақши фаъол доштани мақомоти прокуратура дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нахуст дар он ифода мeёбад, ки ин ниҳод барои ҳама дастрас аст. Яъне ба мақомоти прокуратура дилхоҳ нафар метавонад бобати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ муроҷиат намояд. Дуюм, баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти прокуратура хусусияти фаврӣ дорад. Яъне, мақомоти прокуратура дар муҳлатҳои дар қонун пешбинишуда муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ мекунад. Сеюм, машварати ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқие, ки кормандони мақомоти прокуратура мерасонанд, ройгон аст ва аз он ҳама метавонад баҳравар гардад. Чорум, мақомоти прокуратура ҳангоми ошкор кардани ҳуқуқвайронкунӣ ё ҳолатҳои вайронсозии қонуният мустақилона метавонад, ки тадбирҳо андешад. Аз ҷумла, мақомоти прокуратура ҳуқуқ дорад, ки барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба суд муроҷиат намояд. Шояд ҳолатҳои мазкур сабаби асосии зиёд будани боварӣ ва итминони аҳолӣ ба мақомоти прокуратура гардида бошад. Зеро, назар ба баъзе мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мардум ба прокуратура эътимоду боварии бештар дорад. Мақомоти прокуратура аз номи давлат ва ба манфиати ҷамъият баромад мекунад. Аз ин рӯ, андеша оид ба он ки прокуратура сарчашмаи адолати иҷтимоӣ мебошад, аксиомаи ҳуқуқӣ буда, ҳақиқати бебаҳс аст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратура, таҷрибаи судӣ ва ғайра кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта мафҳум, таърихи инкишоф, мавқеи мақомоти прокуратура дар миёни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ҳамзамон дар рисола ҷойи мақомоти прокуратура дар миёни мақомоти давлатӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Андешаҳое, ки зимни таҳқиқот иброз гардидаанд, ҳақиқати ниҳоии бебаҳс набуда, назари инфиродии муҳаққиқ мебошанд, ки бо далел асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мeёбад, ки ин диссертатсия дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ аввалин ва ягона кори илмӣ дар омӯзиши масоили марбут мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар кори диссертатсионӣ масъалаи ташаккул ва инкишофи прокуратура дар Тоҷикистон, мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва функсияҳои прокуратура ҳамчун мақоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқ таҳлил гардида, шарҳи муаллифии

масоили мансуб ба мақоми ҳуқуқии конституционии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқии мавқеи он асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст кӯшиши муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии конститутсионии фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамкории мутақобилаи он бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин тамоюлҳои асосӣ, қонуният ва ихтилофҳои ҷойдошта дар самти ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура аз нигоҳи илми ҳуқуқи конститусионӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шуд. Пас аз анҷоми таҳқиқот назариявӣ дар самти ташкил ва фаъолияти прокуратураи кишвар, инчунин дар заминаи фаъолияти имрӯзаи он як қатор хулоса ва пешниҳодҳо бо мақсади устувор намудани мавқеъ ва накши прокуратура дар низоми мақомоти конститутсионӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани волояти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкамии қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат ва ҷомеа иброз гардидаанд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти мазкур гузаронидани таҳлили умуминазариявӣ ва конститусионӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати муайян намудани накш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ; функсияи назорати прокурорӣ; аз лиҳози назариявӣ баррасӣ намудани моҳият ва аҳамияти муносибати мутақобилаи мақомоти прокуратура бо мақомоти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ тавассути ҳамкории созандаву мушаххас, ки қонунгузорӣ ба онҳо вогузор намудааст, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1) гузаронидани таҳқиқот оид ба таҳаввулоти мақомоти прокуратура ва назорати прокурорӣ дар таърихи давлатдории Тоҷикистон, муайян намудани принсипҳо ва сиёсати ҳуқуқмуҳофизавӣ, ки замони ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон истифода мегардиданд ва муайян намудани арзишҳои аслӣ дар заминаи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавии мақомоти прокуратура дар давраи зикргардида;

2) муайян намудани накш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми механизми тақсимоти ҳокимият ва низоми "боздорӣ ва мувозинат" тавассути муқоиса намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

3) таҳлил намудани функсияҳои прокуратура ҳамчун институти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва нишон додани самти назорати прокурорӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ;

4) таҳқиқ намудани қонуният ва тамоюли ташаккули ҳолати ҳуқуқии мақомоти прокуратура, инчунин муайян намудани роҳҳои самарабахши тарзи ташкилӣ ва дигар муносибатҳои прокуратура бо мақомоти

давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати прокурорӣ, мутобиқати фаъолияти он дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ;

5) пешниҳод намудани таклифҳо ҷиҳати такмил додани сохтори мақомоти прокуратура ва нақши он дар низоми мақомоти конститутсионии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулоса ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми муҳокимаи рисола дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмуда шудаанд ва дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва баналмилалӣ ироа гардидаанд, муаллиф дар онҳо бо маъруза баромад кардааст. Муқарроти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» дар мавзуи «Прокуратура ҳамчун механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон». Душанбе, 2018;

– VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ» дар мавзуи «Робитаи мақомоти прокуратура бо Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2019;

– X конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии « Низоми ҳуқуқии миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонва давлатҳои ИДМ: таҳлил, тамоюл ва дурнамои инкишоф» дар мавзуи «Инкишофи мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон дар даврони истиқлолият». Душанбе, 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Конститутсия – ҳамчун омили устувории давлат» дар мавзуи «Мавқеи прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» . Душанбе, 2022.

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузорӣ дар бораи прокуратура дар ҶТ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҶТ», ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсионӣ истифода бурд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар таҳқиқи рисола чунин муайян карда мешавад: якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқот диссертатсионӣ, аз ҷумла навгониҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тавсияҳои амалии рисола аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли мушкилоти мубрами оид ба ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода мeёбад. Тавсияҳои муаллиф оид ба боз ҳам беҳтар намудани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ низ саҳми муҳим доранд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи

конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 26 сентябри соли 2022, таҳти №59/1) аз 8-уми октябри соли 2022.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

**Муқарризи №1:**
Директори Донишкадаи такмили
ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбии назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Мирзамонзода Х.М.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сулаймонзода М.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«12» 10 2022 с.**